КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ**
**«БАҚАЙДГИРИИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ»**

# ФАРМОН

Аз 6 июни соли 2019 ш. Душанбе № 166

Дар бораи тасдиқ намудани шакли
шиносномаҳои техникӣ

Мутобиқи сархати шашуми қисми 1 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»

**ФАРМОН МЕДИҲАМ:**

1. Шакли шиносномаҳои техникӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Корхонаҳои давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия ва истифодабарии шиносномаҳои техникиро тибқи шакли тасдиқшуда, аз 1 июли соли 2019 ба роҳ монанд.

3. Фармони директори Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» «Дар бораи тасдиқ намудани шакли маълумотнома ва шиносномаи техникӣ» аз 25 декабри соли 2014, №270 аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Назорати фармони мазкур ба зиммаи муовини директор С. Шарифзода гузошта шавад.

Директор Р. Умариён

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ**
**«БАҚАЙДГИРИИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ»**

# ФАРМОН

из 27 майи соли 2021 ш. Душанбе № 175

Дар бораи ворид намудани тағйирот
ба фармони №166 аз 6 июни соли 2019

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" ва банди 117 "Асосҳои таъин ва тартиби барӯйхатгирии техникии молу мулки ғайриманқул, инчунин санҷиши тавсифи молу мулки ғайриманқул ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ", ки бо қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №98 аз 18 ноябри соли 2019 тасдиқ гардида дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11. 12. 2019, таҳти № 799 (1) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. Ба шакли шиносномаи техникӣ, ки бо фармони КВД "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" аз 6 июни соли 2019, №166 тасдиқ карда шудааст, тағйироти зерин ворид карда шавад:
-дар банди 2 фасли "Маълумоти умумӣ дар бораи қитъаи замин" аломати (,), калимаҳои "аз ҷумла", аломати (-), аз сархати 2 калимаҳои "Дар асл" ва аз сархати 3 калимаҳои "бе ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда", инчунин дар тамоми матни варақаи нақшаи қитъаи замини шиносномаҳои техникӣ калимаҳои "Дар асл", "Аз рӯи ҳуҷҷат" ва "Бе ҳуҷҷат" хориҷ карда шавад.
2. Сардори шуъбаи барӯйхатгирии техникӣ Самадов Х. шакли нави шиносномаҳои техникиро бо назардошти тағйироти мазкур ба корхонаҳои тобеъ дастрас намояд.
3. Назорати иҷрои фармони мазкур ба зиммаи муовини директор Шарифзода С. гузошта шавад.

Директор Умариён Р. Ф.